# ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 29.04.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Шаҳбози Рустамшо дар мавзӯи **«Антропонимияи «Таърихи Систон» (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ)»,** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев – **Офаридаев Назрӣ,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров **– Одинаев Абдуманон Иброҳимович,** муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон Мисбоҳиддини Нарзиқул, Сулаймонов Саидраҳмон, Хоҷаев Давлатбек шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Шаҳбози Рустамшо

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шаҳбози Рустамшо дар мавзӯи **«Антропонимияи «Таърихи Систон» (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ)»,** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Шаҳбози Рустамшо дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Шаҳбози Рустамшо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси филологияро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.